**ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ**

**ба диссертатсияи Раҷабалиева Шаҳло Раҷабалиевна дар мавзуи «Хусусиятҳои ғоявӣ, жанрӣ ва бадеии ашъори Муҳаммад Ғоиб» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ. - Душанбе, 2025. -166 с.**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Раҷабалиева Шаҳло Раҷабалиевна дар мавзуи «Хусусиятҳои ғоявӣ, жанрӣ ва бадеии ашъори Муҳаммад Ғоиб» ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ мувофиқат менамояд.

Дар диссертатсияи Раҷабалиева Ш.Р. як зумра масоили ба мавзуъ алоқаманд, аз қабили марҳилаҳои ташаккули шахсияти адабии Муҳаммад Ғоиб, мазмун ва муҳтавои ашъори шоир, бозтоби симоҳои таърихӣ ва адабию фарҳангӣ дар ашъори ӯ, хусусиятҳои жанрии ашъори шоир, мавқеи жанрҳои суннатӣ ва шеъри озод дар эҷодиёти Муҳаммад Ғоиб, вижагиҳои ашъори бачагонаи шоир ва сохтори ҳунарии ашъори ӯ мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтаанд.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Шоири халқии Тоҷикистон Муҳаммад Ғоиб аз чеҳраҳои намоёни адабиёти муосири тоҷик буда, дар рушду таҳаввули шеъри тоҷикии даврони Истиқлол саҳми назаррас дорад. Бо он ки фаъолияти эҷодии Муҳаммад Ғоиб аз солҳои 80-уми асри гузашта оғоз ёфтааст, ӯ «ман»-и шоирии худро маҳз дар даврони Истиқлол пайдо намуда, дар ин давра ҳамчун шоири баркамол шинохта шудааст. Махсусан, шеърҳои дар васфи Ватан ва муқаддасоти миллӣ навиштаи Муҳаммад Ғоиб ҳаводорони зиёде пайдо намуда, ӯро ҳамчун шоири ватансаро маълуму машҳур гардониданд.

Бо он ки фаъолияти эҷодии Муҳаммад Ғоиб аз назари нақди адабӣ дур намондааст ва дар бораи паҳлуҳои гуногуни эҷодиёти ӯ як зумра

мақолаву рисолаҳои илмӣ таълиф ёфтаанд, боз ҳам ҳастанд масъалаҳое, ки диққат ва таваҷҷуҳи адабиётшиносонро ба худ ҷалб менамоянд. Аз ҷумлаи ин масоили мубраму ҳалталаб вижагиҳои ғоявӣ, жанрӣ ва бадеии ашъори шоир мебошад, ки муаллифи диссертатсияи мавриди назар ба таҳқиқи он пардохтааст.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Нахустин маротиба дар диссертатсияи Раҷабалиева Ш.Р. вижагиҳои ғоявӣ, жанрӣ ва бадеии ашъори Муҳаммад Ғоиб мавриди пажуҳиш ва баррасӣ қарор гирифтаанд. Аз ҷумлаи навгониҳои диссертатсия таҳқиқи тасвирҳои ватандорӣ дар ашъори шоир ва моҳияти иҷтимоии онҳо, аниқ кардани нақши Муҳаммад Ғоиб дар равнақи шеъри суннатӣ ва ғайрисуннатӣ дар даврони Истиқлол, таҳқиқи ҳунари шоирӣ, вижагиҳои маънавию бадеӣ, нақши сувари хаёл дар офаридани тасвирҳои шоирона дар ашъори Муҳаммад Ғоиб мебошанд.

Натиҷаҳои назарраси диссертатсия, ки навгонии илмии онро инъикос менамоянд, аз чунин нуқтаҳо иборатанд:

- фаъолияти эҷодии Муҳаммад Ғоиб аз солҳои 80-уми асри гузашта оғоз ёфта, истеъдоди шоирии ӯ дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон такмил ёфтааст;

- васфи Ватан, тарғиби худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ, ташвиқи расму оинҳо аз муҳимтарин мавзуоти шеъри Муҳаммад Ғоиб мебошанд;

- ҷанбаи иҷтимоии ашъори Муҳаммад Ғоиб қавӣ буда, дар замони Истиқлоли давлатии Тоҷикистон тобишҳои тоза ва назаррас касб кардааст, шоир дар осори худ ба эҳсоси ватандориву ҳифзи дастовардҳои замони нав, худшиносӣ ва дарки ҳувияти миллӣ, сулҳу ваҳдат, дӯстиву бародарӣ, қадршиносӣ бар заҳматҳои ҳамарӯзаи Пешвои миллат, арҷгузорӣ ба чеҳраҳои таърихӣ, бахусус қаҳрамонони миллат, бештар дахл кардааст;

- навоварихои Муҳаммад Ғоиб дар жанрҳои суннатии шеър ва ҳам шеъри нав назаррас аст;

- корбурди ҳунармандонаи воситаҳои тасвири бадей ва имкониятҳои забонӣ аз вижагиҳои ҳунари шоирии Муҳаммад Ғоиб мебошад.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Дар диссертатсияи Раҷабалиева Шаҳло Раҷабалиевна ҳамаи хулосаву тавсияҳои илмие, ки оварда шудаанд, дар заминаи асноду мадорики илмӣ асоснок карда шудаанд. Эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсионӣ бо таҳлилу баррасии амиқи назариявии мавзуи мавриди назар, нуктаҳои мушаххаси методологӣ ва маводи гуногунҷанбаи таҳлилӣ дар мувофиқат бо сохтору мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ асос ёфта, ин хусусиятҳо ба пажӯҳиши вежагиҳои ғоявӣ, жанрӣ ва бадеии ашъори Муҳаммад Ғоиб боис гардидаанд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Диссертатсияи Раҷабалиева Шаҳло Раҷабалиевна дар мавзуи «Хусусиятҳои ғоявӣ, жанрӣ ва бадеии ашъори Муҳаммад Ғоиб» аз муқаддима, се боб бо фарогирии 11 фасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти илмии диссертант дар мавзуи диссертатсия иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 166 саҳифаи чопи компютериро ташкил додааст.

Дар муқаддимаи диссертатсияи Раҷабалиева Шаҳло Раҷабалиевна мубрамии мавзуи таҳқиқ асоснок шуда, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ ва робитаи он бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ баён гардидааст, инчунин мақсаду вазифаҳо, объекту предмети таҳқиқ, асосҳои назариявӣ ва навгониҳои илмии таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда зикр гардида, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ муайян шудаанд.

Боби аввали диссертатсия **«Муҳаммад Ғоиб ва ҷойгоҳи шеъри ӯ дар адабиёти муосири тоҷик»** унвон дошта, аз 3 зербоб иборат аст.

Зербоби якуми ин боб бо унвони **«Марҳилаҳои ташаккули шахсияти адабии Муҳаммад Ғоиб»** фарогири мухтасари шарҳи ҳол ва фаъолияти эҷодии адиб мебошад.

**Дар зербоби дувуми боби мазкур, ки «Вижагиҳои муҳтавои ашъори шоир»** ном гирифтааст, осори адабии Муҳаммад Ғоиб ба таври мухтасар муаррифӣ гардидаанд. Дар ин қисмати кор муаллиф дар баробари муаррифии маҷмуаҳои ашъори Муҳаммад Ғоиб мухтасар дар бораи муҳтавои ашъори ӯ низ маълумот додааст.

Зербоби савуми боби аввал **«Бозтоби бадеии симоҳои таърихӣ ва адабию фарҳангӣ дар шеъри Муҳаммад Ғоиб»** унвон дошта, дар он васфи чеҳраҳои таърихӣ ҳамчун яке аз мавзуъҳои муҳимми эҷодиёти шоир баррасӣ гардидааст. Зикр гардидааст, ки дар ашъори гуногунжанри Муҳаммад Ғоиб дар миёни дигар чеҳраҳои сиёсию таърихӣ симои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон равшантар тасвир шуда, иқдомоти созанда ва хирадмандонаашон бозгӯ ва васф гардидаанд.

**Боби дувуми** таҳқиқот **«Хусусиятҳои жанрии ашъори Муҳаммад Ғоиб»** номгузорӣ шуда, фарогири шаш фасл аст. Дар ин фаслҳо муҳимтарин жанрҳои ашъори шоир, аз қабили ғазал, рубоӣ, дубайтӣ, чаҳорпора ва шеъри озод мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифта, инчунин мавқеи шеъри бачагона дар эҷодиёти ӯ муайян карда шудааст. Зикр гардидааст, ки Муҳаммад Ғоиб аслан шоири суннатгаро буда, дар эҷодиёти ӯ жанрҳои суннатӣ, бахусус ғазал ва рубоиву дубайтӣ, мавқеи асосӣ доранд. Муҳаммад Ғоиб аз муваффақтарин шоирони ғазалсарои имрӯз аст ва дар ин навъи ашъори худ муҳимтарин масоили рӯз: садоқат ба Ватан ва муқаддасоти он, ишқ, сиёсат, иҷтимоиёт, ваҳдату ҳамбастагӣ, сулҳ, ободкорӣ ва ғайраро ба миён мегузорад.

Аз дигар жанрҳои маъмули эҷодиёти Муҳаммад Ғоиб рубоӣ ва дубайтӣ мебошанд, ки диссертант зербобҳои дуюм ва сеюми кори худро

ба таҳқиқу баррасии онҳо бахшидааст. Муаллифи диссертатсия дуруст қайд менамояд, ки шоир зимни гуфтани рубоиву дубайтӣ «аз такрор кардани андешаҳои дигарон худдорӣ намуда, мекӯшад то шеърашро тоза, равон ва дилчасп гӯяд. Ӯ фазилати ҳастӣ ва шарофати инсонро дар меҳнати пайваста, сохтан, обод кардан ва хислати ҳамидаву накуву арзанда дармеёбад ва онро баҳогузорӣ мекунад» (диссертатсия, саҳ. 91).

Зербобҳои чаҳорум ва панҷуми боби дуюми диссертатсия ба таҳлилу баррасии чаҳорпора ва шеърҳои озоди Муҳаммад Ғоиб бахшида шуда, диссертант дар ин қисмати кор ба исбот намудани ин иддао кӯшиш намудааст, ки адиб дар баробари гуфтани ашъори суннатӣ, аз қабили ғазал ва рубоиву дубайтӣ ва маснавиҳои кӯтоҳ, дар сурудани чаҳорпора ва шеъри озод низ муваффақ комёб аст.

Дар зербоби шашуми боби дувум мавқеи шеъри бачагона дар эҷодиёти Муҳаммад Ғоиб мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифта, зикр гардидааст, ки адиби мазкур дар таълифи ашъори бачагона низ истеъдод ва ҳунари хоссаи шоирӣ дошта, ба дастовардҳои шоистаи бадеӣ ноил гардидааст.

Боби савуми диссертатсияи Раҷабалиева Ш.Р. «Ҷанбаҳои адабӣ ва ҳунарии ашъори Муҳаммад Ғоиб унвон дошта, аз ду фасл иборат аст. Дар ин фаслҳо муаллифи диссертатсия ба пажуҳиши вижагиҳои жанрӣ ва сохтори ҳунарии ашъори шоир пардохта, бо мисолҳои мушаххас собит намудааст, ки Муҳаммад Ғоиб дар баробари истифодаи мазомини ахлоқӣ, афкори худшиносию ватанпарварона, тараннуми ишқу муҳаббат, ваҳдати миллӣ, эҳтироми модар, худогоҳӣ ва амсоли инҳо дар корбурди ороёҳои адабӣ, интихоби мавзуъ ва тарзи баён низ хеле муваффақ буда, ин вижагиҳои ҳунарӣ ашъори ӯро барои хонандаи имрӯз ҷолибу дилписанд гардонидаанд.

**Хулосаи диссертатсияи** Раҷабалиева Р.Ш., ки аз 12 банд иборат аст, фарогири муҳимтарин бардоштҳои илмии муаллиф буда, дар охири ҳар банд истиноди зарурӣ ба мақола ва таълифоти довталаби дараҷаи илмӣ

оварда шудааст. Инчунин дар 5 банд тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот пешниҳод гардидааст.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии диссертатсия.** Аҳаммияти илмиву амалии таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки аз маводи диссертатсия метавон ҳангоми таҳия ва таълифи бахше аз китобҳои дарсии таърихи адабиёти муосири тоҷик, навиштани диссертатсияҳои номзадиву докторӣ ва рисолаҳои магистриву бакалаврӣ истифода бурд. Диссертатсия дар густариши масъалаҳои иҷтимоӣ, ки адабиётшиносӣ ҷузъе аз иҷтимоиёт аст, саҳми назаррас дорад.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар 8 мақолаи муаллиф, ки 5-тои онҳо дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд, инъикос ёфтаанд.

Диссертатсияи Раҷабалиева Шаҳло Раҷабалиевна дар мавзуи «Хусусиятҳои ғоявӣ, жанрӣ ва бадеии ашъори Муҳаммад Ғоиб» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад. Диссертатсия ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, №493 тасдиқ шудааст, мувофиқат дорад.

Автореферати диссертатсия мувофиқ ба меъёрҳои муайянгардида таҳия шуда, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар диссертатсияи мазкур баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб, ғалатҳои

имлоию грамматикӣ ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1. Қисмати «Мубрамии мавзуи таҳқиқ», бо он ки ҳаҷман бузург аст, бештар масъалаҳоеро дар бар мегирад, ки ба мавзуи диссертатсия алоқаманд нестанд. Дар натиҷа, диссертант мубрам будани мавзуи таҳқиқи худро ба таври бояду шояд собит карда натавонистааст.

2. Ба андешаи мо, қисмати «Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ» ба такмилу бозбинӣ ниёз дорад. Бо он ки диссертант дар ин қисмати кор аз аксари муҳаққиқоне, ки ба таҳқиқи паҳлуҳои гуногуни эҷодиёти Муҳаммад Ғоиб машғул гаштаанд, ном мебарад, зимни муаррифии корҳои дар ин самт анҷомёфта танҳо ба кори таҳқиқии чор нафари ин муҳаққиқон таваҷҷуҳ менамояд.

3. Мушаххасбаёнӣ, ки яке аз вижагиҳои услуби илмӣ аст, дар ҷо-ҷои диссертатсия риоя нагардидааст. Диссертант гоҳо зимни таҳлили пораҳои шеърӣ як матлаби хурдеро хеле муфассал шарҳу эзоҳ медиҳад, ки ба фикри мо зарурат надорад. Барои мисол, дар саҳифаҳои 17, 23, 36, 61, 76, 118 ҳамин ҳолат мушоҳида мешавад.

4. Баъзе ҷумлаҳои диссертатсия он қадар такаллуфомезанд, ки фаҳмидани матлаби диссертант ба душворӣ даст медиҳад. Барои мисол, «Калом ва ҳарфу ҳиҷои ин шоир баҳравар аз хуни дил ва саршор аз «оҳ»-и полуда бар «ашк»-и як инсони мағмум аст, ки қисматашро дар сухани воло санҷидааст ва тасвири офаридаашро бо рӯйидаҳои сарнавишти инсонӣ ва ҳиссиву мадракии шоиронааш ҷаззоб, дилкаш ва пуртаъсир кардааст» (диссертатсия, саҳ. 23).

5. Дар баъзе саҳифаҳои диссертатсия ғалатҳои имлоиву китобат ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо бар манфиати кор аст.

Камбуду норасоиҳои зикршуда, дар маҷмуъ, аҳаммияти назарию амалии диссертатсияи мазкурро коста намекунанд ва ба муҳтавои кор таъсири манфии зиёд намерасонанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Раҷабалиева Шаҳло Раҷабалиевна дар мавзуи «Хусусиятҳои ғоявӣ, жанрӣ ва бадеии ашъори Муҳаммад Ғоиб», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
номзади илми филология, дотсент,
мудири кафедраи адабиёти тоҷики
Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав
«11» декабри соли 2025. Аҳмадов Сафармад Гадомадович

Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Хатлон, шаҳри Бохтар, кӯчаи С.Раҳимов, 7/26
Тел.:(моб.) (+992) 988-15-75-81
E-mail: ahmadovsafar74@mail.ru

Имзои С.Г. Аҳмадовро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав Нажмидинов М.М.
«__» декабри соли 2025.

**Нишонӣ:** 735140, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67.
Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»
Тел: (832 22) 2-45-20; 2-22-53; Email: bqu-1978@mail.ru